**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Қодирзода Саидакбар Сангинмурод «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ табқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Масъалаҳои ҳуқуқии иттилоотони, алалхусус иттилооти электронӣ дар муомилоти иттилоотии имрӯза, ки асри иттилоотӣ номида мешавад, дар илми ҳуқуқи мадании муосир ва алалхусус дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосро ишғол менамоянд. Илми ҳуқуқи мадании имрӯза муҳимият ва аҳамияти масъалаи мазкурро бо як масъулияти баланд дарк менамоянд, чунки пешравии ҷомеаи имрӯза ва алалхусус рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷамъияти мо яке аз муҳимтарин масъалаи ҳалталаб мебошад. Аз назари дигар, дар илми ҳуқуқи мадании муосир масъалаи ҳуқуқии таҳлили мавқеи ҳуқуқии миёнаравон ва истифодабарандагони технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба таври муфассал инъикоси худро наёфтааст. Аз ин лиҳоз, оиди мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи унвонҷӯ Қодирзода Саидакбар Сангинмурод «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» ягон шубҳае нест. Мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ то имрӯз дар илми ҳуқуқ ба таври васеъ ва пурра мавриди таҳқиқи илми қарор дода нашудааст ва ба таври муайян таҳқиқ нагардидааст, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба таври мушаххас инъикоси худро наёфтааст. Омӯзиши автореферати рисолаи пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки муаллиф мавзӯи интихобкардаро бо тарзи муайян кушиши таҳлили ҳуқуқӣ намудааст.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили илмии диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маданӣ – яке аз паҳлуҳои назарияи илмии Интернетро дарбар мегирад. Ҷанбаи ҳуқуқии Интернет дар солҳои охир бо таҳқиқоти назарраси илмӣ пурра гардидааст, лекин ҳамаи онҳо хусусияти амалӣ ё махдудихтисосӣ дошта, алоқаи байниҳамдигарӣ, бидуни иртиботи дуруст бо ҳамдигар амалӣ карда шудаанд. Таҳқиқи васеи назариявӣ дар соҳаи иттилоот тасаввуроти пурра оиди иштирокчиёни муомилоти иттилоотиро дар фазои маҷозӣ пайдо нанамуд. Гарчанде, фарогирии масъалаи таҳлили илмии иттилоот ва иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотӣ мавҷуд бошад ҳам, лекин аксарияти тадқиқотҳои илмии даҳсолаи охир бештар хусусияти умумӣ дошта, масъалаи вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро таҳқиқ намоянд хам, таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои хусусиятноки соҳа ба пуррагӣ дода нашудааст, баъзе аз асарҳо ба масъалаҳои маҳдуди ҳуқуқӣ бахшида шуда, на ҳама вақт муаммои дахлдорро ба таври комплекси

дида набаромадааст ва ё ба масъалаҳои соф дар доираи шакли маъмули ҳимояро фаро гирифта, ташаккулёбии соҳаро ба инобат намегиранд.

Аз ҷониби муаллиф дар рафти таҳқиқ маълумотҳои муҳим дар асоси сарчашмаҳои монографӣ, таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ба даст оварда шудаанд. Ғояҳо ва нуқтаҳои назариявии баёншуда нисбати тарафҳои гуногуни проблемаи баррасишаванда омухта ва таҳлили гардидаанд. Мавқеи муаллиф оид ба масъалаҳои проблемавии мавзуи вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотӣ ба тавсият расидаанд; дар асоси натиҷаҳои бадастовардашуда тавсияҳои амалӣ коркард шудаанд, ки барои такмили минбаъдаи масъалаи мазкур равона карда шудаанд.

Навгонии илмии кор бо натиҷаи фарогири тадқиқот муайян карда шуда, дар он аввалин маротиба ё ба таври нав муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда ошкор ва асоснок карда мешавад. Мавриди кайд аст, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ муаллиф мафҳуми илмии миёнарави иттилоотӣ – провайдерро пешкаш намудааст, ки барои дарёфт намудани шахсони номаълум дар шабакаи Интернет роли калон мебозад.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии иқтисод ва омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар масъалаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон хизмат кунанд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар муҳиммияти пешниҳодҳои ташаккулнамуда ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили батанзимдарории вазъи ҳуқуқии провайдер муайян карда мешавад. Хулосаҳои дар диссертатсия фарогирифта, тавсияҳо, маводи илмӣ метавонанд дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз ҷумла дар таҷрибаи судӣ, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми коркарди минбаъдаи масъалаҳои батанзимдарории ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқии провайдер, инчунин дар чараёни таълими курси ҳуқуқи маданӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ истифода шаванд. Мавзӯи диссертатсияи Қодирзода С.С. бо назардошти масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маданӣ интихоб гардида, бевосита аз ҷониби муаллиф дар доираи ихтисоси 5.5.3 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода шудааст.

Бо вуҷуди он, қайд намудан лозим аст, ки дар банди навгонии илмии рисола мафҳуми миёнарави иттилоотӣ ҳамчун "шахс" оварда шудааст. Дар таҷриба миёнарави иттилоотӣ (провайдер) шахси ҳуқуқӣ мебошад. Хуб мешуд, ки дар банди мазкур мафҳуми мийнарави иттилоотӣ ҳамчун "шахси ҳуқуқӣ" оварда шавад.

Эроди мазкур намуди баҳсӣ дорад, ва сатҳи умумии илмии рисоларо паст намеоварад. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қодирзода Саидакбар

Сангинмурод пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки чандин падидаҳо ва паҳлуҳои муҳими илми ҳуқуқи хусусӣ такмил ёбанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Аз ин лиҳоз, рисолаи диссертатсионии Қодирзода Саидакбар Сангинмурод «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ табқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» бо ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ пурра мутобиқ буда, ба талаботҳои ба чунин кори илмӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф сазовори унвони илмии “номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ” мебошад.

**Муқарриз:**
**Мудири шӯъбаи хусусии**
**Институти давлат ва ҳуқуқ и АМИТ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Абдуҷалилов А.**

Имзои Абдуҷалилов А. –ро тасдиқ мекунам:
Нозири Шуъбаи кадрҳои
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ Б.Давлатмуродзода
11.05.2026